МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ
«ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

«

# ҚОИДАҲОИ ТАРТИБОТИ ДОХИЛИИ МЕҲНАТИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

ДУШАНБЕ – 2020

Мувофика карда шуд:
Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"
Сайфуллоева М.
соли 2020

"Тасдиқ мекунам":
Ректори МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"
н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
соли 2020, № 37

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Тибқи талаботи моддаи 35-и Конститутсияи Чумхурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият мань аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад.

Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Бо назардошти ҳамин асоси ҳуқуқи интихоби касб, навъи машғулият, намуди кор мувофиқи дараҷаю унвони илмӣ, қобилият, малакаи касбӣ, маълумот ва талаботи ҷомеа ба эътибор гирифта мешавад.

Вазифаи бошарафи ҳар як шахси қобили меҳнат дар соҳаи интихобкардааш аз рӯйи виҷдон софдилона меҳнат кардан ва интизоми меҳнатро риоя кардан аст.

Интизоми меҳнат ин риоя намудани талаботҳои он, қоидаҳои техникии муқарраршуда, талаботи ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва санитарии истеҳсолӣ, амру дастурҳои раёсати донишкада ва муносибати оқилонаю эҳтиёткорона ба кору таҳсил, инчунин таъмини босамар ва пурмаҳсули вақти корӣ мебошад. Ҳамзамон, бо раёсати донишкада, бо аъзои коллективи меҳнатӣ, шарикони ҳамкори донишкада, дигар шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқие, ки дар чараёни кор бо онҳо тамос мегирад, ҳалимона муносибат намояд.

2.Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Вазифаи асосии Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишкада таъмини интизоми меҳнат ва таҳсил 60 такмил додани шароити сохторию иқтисодӣ барои кори муътадилу маҳсулнок ва риоя намудани муносибати оқилона ва меҳнати поквиҷдонона мебошад.

# II. ТАРТИБИ БА КОР КАБУЛ ВА АЗ КОР ОЗОД НАМУДАНИ КОРМАНДОН

Муовинони ректор, сардорони шуъбаҳо, деканҳои факултетҳо, мудирони кафедраҳо, омӯзгорон, мудирони шуъбаҳо ва дигар кормандон (минбаъд корманд) дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Оинномаи Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» бо фармоиши ректор таъйин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

3.Корманд метавонад ҳамчун ҳамкор мувофиқи қоидаҳои муқарраршуда ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шавад.

4.Ҳангоми ба кор қабул намудан ва ба кори дигар гузаронидани корманд раёсат вазифадор аст:

а) кормандро бо мухтавои кори қабулкардааш шинос намуда, шароит, пардохти музди меҳнат, ҳуқуқ ва вазифаҳои ӯро фаҳмонида диҳад;

б) кормандро бо Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» ба Шартномаи коллективи

байни Раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи донишкада ва Оинномаи донишкада шинос намояд;

в) оид ба ҳифзи меҳнат ва омӯзиши усулҳои бехатарии кор дастур диҳад, инчунин, кормандро аз манбаъҳои хавфу хатар бохабар намуда, сатҳи дониши ӯро доир ба танзим ва ҳифзи меҳнат санҷад.

5. Барои ҳамаи кормандоне, ки зиёда аз панҷ рӯз кор кардаанд, дафтарчаи меҳнатӣ кушода мешавад. Барои кормандоне, ки дар донишкада дар шакли соатбайъ кор мекунанд, дафтарчаи меҳнатӣ дар ҳолате кушода мешавад, ки агар кори онҳо мавқеи асосӣ (шартӣ) дошта бошад.

6. Қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ дар ҳолате сурат мегирад, ки тибқи қонунҳои амалкунанда заминаҳои асоснок мавҷуд бошанд.

Кормандони донишкада, инчунин, ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони илмӣ ҳуқуқ доранд, ки шартномаи меҳнатии ба муҳлати номуайян басташударо ба шарти ду ҳафта пештар огоҳ намудани раёсати донишкада қатъ намоянд. Ҳангоми бо сабабҳои узрнок қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ тибқи қонунгузории амалкунанда корманд раёсатро хатӣ огоҳ менамояд ва раёсат вазифадор аст, ки шартномаро дар муҳлати муқаррарнамудаи корманд қатъ намояд.

7. Баробари хотима ёфтани муҳлати муқарраршуда корманд ҳуқуқ дорад, ки фаъолияти меҳнатиашро анҷом диҳад ва раёсати донишкада вазифадор аст, бо корманд дар рӯзи охирини кор ҳисобӣ намуда, дафтарчаи меҳнатиашро супорад.

Бо мувофиқати тарафҳо шартномаи меҳнатӣ метавонад пеш аз муҳлати муқарраргардида дар бораи аз кор озод шудани коргар қатъ гардад.

Шартномаи ба муҳлати муайян басташудаи корманд метавонад дар ҳолатҳои бемор будан, маъюбӣ, ки барои иҷрои кори муқарраршуда монеъ мешаванд, дар мавриди аз тарафи раёсат риоя нагардидани нишондодҳои қонун дар бораи меҳнат, ки ба қонунҳои амалкунанда мутобиқ аст, ҳамчунин дар ҳолати ҷой доштани дигар сабабҳои узрнок қатъ гардад.

8. Қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ аз тарафи раёсат бе ризоияти пешакии Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони донишкада ба истисноӣ ҳолатҳои аз озмун нагузаштани омӯзгор мумкин нест.

Қатъи шартномаи меҳнатӣ тавассути фармоиши махсуси ректори донишкада расмӣ мегардад.

## III. ҲУҚУҚҲОИ КОРМАНДОН

9. Кормандони донишкада дорои чунин ҳуқуқҳо мебошанд:

- шаъну шарафи касбии худро ҳифз намоянд;

-фаъолияти касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии худро таҳким бахшанд;

- барои мутолиа ва рушди маҳорати касбии худ шароит муҳайё намоянд;

- ташаббус ва таҷрибаи пешқадами худро дар амал татбиқ намоянд;

- шаклу усулҳои самарабахши таълимро интихоб ва татбиқ кунанд;

-барои такмили маҳорати касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рухсатии эҷодӣ истифода намоянд;

-кормандони донишкада дорои дигар ҳуқуқҳое низ мебошанд, ки онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

## IV. ВАЗИФА, УҲДАДОРИҲО ВА МАСЪУЛИЯТИ КОРМАНДОН ВА ДОНИШҶУЁН

10. Кормандон, донишҷӯён ва магистрони донишкада вазифадоранд:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд;
- Оиннома ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”-ро риоя намоянд;
- ҳангоми муроҷиат ба раёсати донишкада ва мақомоти давлатӣ бояд мартаботро (субординатсияро) риоя намоянд;

11. Кормандони донишкада уҳдадоранд:

- сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаи касбии худро такмил диҳанд;
- дарсҳои худро дар сатҳи баланди касбӣ дар доираи тартиботе, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян намудааст, баргузор намуда, аз усулҳои фаъоли таълим истифода баранд;
- дарсҳои назариявӣ, амалӣ, таҷрибавӣ, истеҳсолӣ ва дигар намуди дарсҳо ва машғулиятҳоеро, ки барномаҳои таълимӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида, аз усулҳои фаъоли таълим истифода баранд, аз фаъолияти омӯзгорӣ худро бесабаб дар канор нагиранд;
- аз доираи мавзӯе, ки барномаи таълимӣ муқаррар намудааст, берун набароянд;

12. Азхудкунии барномаҳои таълимию илмиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз донишҷӯён ва магистрон талаб намояд.

13. Донишҷӯёну магистронро аз амалҳои зӯроварии ҷисмонию равонӣ ва дигар амалҳои номатлуб ҳифз намоянд ва барои пешгирии истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (мадҳушкунанда) воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, маҳлулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи сахттаъсир корҳои таблиғотӣ баранд.

- дар вақти дарс аз истифода бурдани телефони мобилӣ худорӣ намоянд;
- вобаста ба имконот дарсҳои кушод ташкил карда, падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и таълимгирандагонро барои шинос шудан бо маҳорати касбии худ ҷалб намоянд;
- меъёрҳои санҷиш ва баҳогузории дониши донишҷӯён ва магистронро дар раванди дарс риоя намоянд;
- журнали синфӣ (гурӯҳӣ)-ро дар доираи муқаррарот пур намоянд;
- ашёи таълимӣ, таҷҳизот ва маводи таълимиро ҳифз намуда, таълимгирандагонро дар ҳамин рӯҳия тарбия намоянд;
- бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҳар 5 сол аз курсҳои такмили ихтисос гузаранд;
- меъёрҳои забони давлатиро риоя намоянд;
- дар вақти дарс, фаъолияти меҳнатӣ ва берун аз он аз суханони қабеҳ худдорӣ намоянд;

- аз тарғиби ғояҳои бегона ва маданияти дигар халқу миллатҳо ба истиснои ташвиқу тарғиби фарҳанг ва маданияти миллӣ худорӣ намояд;

- аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ этиёткорона истифода намуда, онро бо мақсадҳои дигаре, ки ба зарари худ ва ҷомеъа мебошад истифода набарад.

- барои омодагӣ ба дарс, санҷиши дафтарҳо вакт ҷудо намоянд;

- маводи нави илмӣ, таълимӣ ва методиро мутолиа намоянд;

- дар раванди фаъолияти худ аз таҷрибаи пешқадам истифода намуда, мақолаҳои илмӣ, назариявӣ ва методӣ таълиф намоянд;

- вобаста ба қобилият китобҳои дарсӣ, методӣ, назариявӣ ва дастурҳои методӣ таҳия намоянд;

- рӯзнома, маҷалла, китобҳои бадеӣ, оммавӣ, илмӣ ва назариявиро вобаста ба имконоту вакт мутолиа намоянд;

- маводи таълимӣ, конспект, нақшаҳои тақвимӣ, лексияҳо ва корҳои санҷишиву озмоишии хаттии худро дар сатҳи касбӣ дар доираи меъёрҳои мавҷуда таҳия ва тасдиқ намоянд;

- барои инкишофи маҳорат ва малакаи хаттӣ ва нутқи шифоҳии донишҷӯён ва хонандагон кӯшиш намоянд;

- барои дар озмунҳо ва олимпиадаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намудани таълимгирандагон саъю талош намоянд;

- қобилияти зеҳнӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ, ихтироъкории таълимгирандагонро муайян намуда, нисбат ба онҳо ғамхорӣ кунанд;

- барои рушди камолоти таълимгирандагон шароит фароҳам оваранд;

- аз донишҷӯён ва хмагистрон ҳамроҳи худ овардани маводи таълимиро талаб карда, омодагии онҳоро ба дарс, машғулиятҳои таълимӣ назорат намоянд, онҳоро ба хондани китобҳои илмию бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ташвиқ намуда, барои рушди ҷаҳонбинии онҳо тадбирҳо андешанд;

- низоми коргузорӣ ва истифодаи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсиониро омӯхта, донишҷӯёну магистронро ба омӯзиши онҳо ташвиқ намоянд;

- рейтингҳои фосилавӣ ва санҷишу имтиҳонҳои ҷориро аз рӯи меъёрҳои муайянгардида гузаронида, дар вақти баҳогузорӣ ба амалҳои субъективӣ роҳ надиҳанд;

- ба миллатчигӣ, маҳалгароӣ, тамаъкорӣ, ришвахӯрӣ, порахӯрӣ ва хусумат роҳ надиҳанд;

- аттестатсияи давлатии хатм ва имтиҳонҳои хатмро дар доираи талаботе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ташкил намуда, ба дониши донишҷӯёну магистрон баҳои воқеӣ диҳад;

- рӯзнома ва дафтарҳои санҷишии донишҷӯёну магистронро назорат намуда, баҳои дар журнал ва варақаи имтиҳонӣ қайдгардидаро ба онҳо дар вақти муайяншуда гузаронанд;

- дарсҳои худро дар кабинетҳои фаннӣ, синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳо бо тартиби муқарраршуда ба роҳ монанд;

- иштироки донишҷӯёну магистронро дар корҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, эҷодӣ ва дигар маҳфилҳо таъмин намуда, ба фаъолона ширкат варзиданашон мусоидат намоянд;

- ҷалби донишҷӯён ва магистронро ба созмонҳои дар донишкада амалкунанда таъмин намуда, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтироми падару модар, устодон, насли калонсолон, ҳамсолон риояи қонун ва эҳтиром ба ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, расму ойин, муҳити зист, рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи тарзи ҳаёти солим тарбия намоянд;

- барои навиштани корҳои илмӣ, эҷодии адабӣ, ихтироъкорӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва дигар ҳунарҳо донишҷӯён ва магистронро роҳнамоӣ намуда, барои рушди қобилияти зеҳнии онҳо шароит муҳайё намоянд;

- нисбат ба донишҷӯён ва магистроне, ки қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишкадаро халалдор менамоянд, ба дарсҳо бе тайёрӣ меоянд ва сару либоси тавсиявиро риоя намекунанд, раёсати донишкда ва падару модар (шахсони ивазкунанда онҳо)-ро сари вақт тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намоянд;

- нисбат ба донишҷӯён ва магистроне, ки аз таҳсил саркашӣ намуда, аз хондан дур мемонанд, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), садорати факултет, маъмурият ва  раёсати донишкадаро сари вақт тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намоянд;

- дар таҳия  ва омода намудани иншо, кори санҷишӣ, корҳои хаттии эҷодиву илмӣ, реферат, кори курсӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва магистрон (КМД) таҳқиқоти илмӣ, рисола, лоиҳаи дипломӣ ва инноватсионӣ ба донишҷӯёну магистрон роҳбарӣ намоянд;

- дафтарҳои фаннии донишҷӯён, масгистрон, ординаторон ва интернаторонро назорат намуда, маводи хаттиро аз рӯи меъёрҳои муқарраргардида баҳогузорӣ намоянд.

14. Кормандони донишкада  оид ба таьлиму тарбия масъуланд:

- роҳ надодан ба ҳама гуна амалҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст;

- ба сифати таҳияи маводи таълимӣ, матнҳои лексия ва конспектҳои фаннии худ;

- ба истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла оби ҷав), воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи сахттаъсир дар муассисаи таълимӣ роҳ надиҳанд;

- ба донишҷӯён, магистрон, ординаторон, интернаторон маслиҳати методӣ, илмӣ ва дигар хизматрасонии таълимиро амалӣ намоянд;

- дар вақти корӣ ва раванди дарс бесабаб аз донишкада берун нараванд;

- қобилияти иҷтимоӣ ва ҷисмонии донишҷӯён, магистрон, ориднаторон ва интернаторонро  ба манфиати шахсӣ истифода набаранд;

- вазифаи сарпарастии гурӯҳи худро дар доираи меъёрҳои муқарраршуда иҷро карда, бо падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) робита barқарор намоянд;

- дар рӯҳияи зебопарастӣ донишҷӯён, магистрон ва ординаторонро тарбия карда, ба намуди зоҳирии худ диққат диҳанд ва дар донишкада либоси тавсиявиро истифода намоянд;

- ҳуқуқҳои донишҷӯён, магистрон ва ординаторонро риоя карда, қадру эътибори онҳоро паст назананд;

- одобу ахлоқи омӯзгориро риоя намоянд.

15. Ходимони илмии донишкада уҳдадоранд:

- кори илмию тадқиқотии худро дар вақти муқарраршуда, дар сатҳи баланди илмию назариявӣ ва илмӣ-методӣ ба сомон расонанд;

- кори илмӣ-тадқиқотии худро мувофиқи меъёрҳои муайяншуда, барои сабти давлатӣ муаррифӣ намоянд ва дар татбиқи шартномаҳо барои ҳамкории эҷодӣ бо муассиса, корхона ва ташкилотҳо ширкат варзанд;

- татбиқи натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотиро дар истеҳсолот таъмин намоянд;

- дар арзишмандӣ, сатҳи илмӣ-методии тадқиқот, иҷрои саривақтии он, асоснокӣ ва сифати дастовардҳои тадқиқот масъул бошанд;

- ба рафти иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва сарфакорона истифода намудани ҳама захираҳои қобили зарурат ва танзими ҳайати корӣ назорат намоянд;

- дар корҳои тарбиявӣ ва ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намоянд.

16. Ходимони коргоҳҳои илмӣ-истеҳсолӣ бояд маҳсулнокии меҳнатро дар донишкада тақвият ва такмил дода, кори худро мувофиқи супориш, меъёри истеҳсол ва вазифаҳои истеҳсолӣ ба иҷро расонанд:

Ҳамчунин:

- беҳтар намудани сифати кор, сифати маҳсулот, роҳ надодан ба ғалаткорӣ, риояи интизоми фанни истеҳсолӣ (технологӣ);

- озода нигоҳ доштани ҷойи корӣ, супоридани таҷҳизот ва васоити корӣ ба ҳамкори навбатии худ дар ҳолати кори дурусту мураттаб ва тоза будан, нигоҳ доштани тозагӣ дар коргоҳ ва ҳамчунин дар тамоми донишкада;

- барои саривақт бартараф намудани сабаб, манбаъ ва шароите, ки ба фаъолияти мунтазами меҳнатӣ монеъ мешаванд ва ё онро халалдор мекунанд, чора андешанд ва раёсати донишкадаро аз вазъияти баамаломада хабардор кунанд.

17. Маҷмӯи вазифаҳои корӣ, ки аз тарафи ҳар як ходим ва корманд мувофиқи вазифа, тахассус, унвон ва дараҷаи касбӣ иҷро карда мешавад, дар дафтари меъёр ва дараҷагузории касбӣ-тахассусӣ, қоидаҳои техникӣ, дастуроти вазифавӣ, низомномаҳои тибқи қонун тасдиқ ва қабулшуда муқаррар мегардад.

**18. Донишҷӯён, магистрон ва ординаторони донишкада уҳдадоранд:**

-мувофиқи тахассуси интихобнамуда мунтазам ва саривақт дониши назарӣ ва асосҳои малакаи амалиро касб кунанд;

- дорои дониши илмӣ-назариявӣ бошанд, дараҷаи илмӣ ва фарҳангии худро такмил диҳанд, дар корҳои ҷамъиятии факултет ва донишкада фаъолона иштирок намоянд;

-дар вақти таҳсил малакаву маҳорати баланди касбӣ (тахассусӣ) ташкилдиҳии корҳои ҷамъиятӣ ва тарбиявиро касб кунанд;

- ба дарс ва машғулиятҳо мунтазам иштирок намуда, ҳама гуна супоришҳоро, ки мутобиқи нақшаи ва барномаҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд, сари вақт иҷро намоянд;

- дар корҳои барои ҷамъият манфиатнок фаъолона иштирок намоянд;

- нишондодҳои Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишкада ва тартиботи хобгоҳи донишҷӯёнро комилан риоя намоянд;

- маҳорату малака ва салоҳиятҳои касбии азбарнамудаи худ ва дигар чорабиниҳои ҷамъиятиро дар миёни омма, ки аз тарафи донишкада гузаронида мешавад, тарғиб намоянд;

- тозагиро дар синфхонаҳо, кабинетҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳо биноҳои таълимию маъмурӣ ва ҷойҳои ҷамъияти риоя намоянд;

- ба ҷараёни дарс, маҷлисҳо, конфронсҳо ва дигар чорабиниҳое, ки дар донишкада гузаронида мешавад халал нарасонанд;

- обрӯ, мақом ва манзалати донишкадаро бо фаъолияти гуногунҷабҳаи пурсамари хеш баланд бардоранд;

- ихтисоси интихобкардаашро дӯст дорад ва барои мутахассиси асили соҳаи худ шудан мунтазам саъю кӯшиш намоянд;

- ба дарс бо лавозимоти хониш: ҷузвдон, дафтар, ручка, китоб ва ба донишкада бо халат ҳозир шавад;

- дар бинои таълимӣ ва хобгоҳ мувофиқи ҷадвали навбатдории тасдиқшуда навбатдорӣ намоянд ва талаботи навбатдориро риоя намоянд;

- аъзои китобхонаҳои донишкада ва ҷумҳуриявӣ бошанд;

- дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ: конференсия,олимпиада, симпозиум ва маҳфилу озмунҳо иштирок намоянд ва бо маърӯзаҳо баромад намояд.

19. Дар мавриди бо сабаби узрнок ба дарс наомадан донишҷӯ, магистр ва ординатор вазифадор аст, ки на дертар аз рӯзи дуюми ғоиб будан садорати факултетро хабардор намуда, дар рӯзи аввали ба дарс ҳозир шудан ба садорати факултет ё маъмурияти омодагии қаблӣ ҳуҷҷати расмӣ, ки сабаби ғоиб будани ӯро тасдиқ мекунад, пешниҳод намояд. Дар мавриди бемор будан донишҷӯ, магистр ва ординатор ҳуҷҷати бемории муассисаи табобатиро барои қайд намудан ба бунгоҳи тиббии донишкада пешниҳод намояд.

20. Донишҷӯён, магистрон ва ординаторон бояд ба тамомии таҷҳизоту васоити таълимӣ ва кории донишкада (асбоб, китоб, васоити таълимӣ, мизу курсӣ, ҷевон дастгоҳ ва ғ.) эҳтиёткорона муносибат кунанд. Аз толори таълимӣ, ҳуҷраҳои дарсию корӣ, озмоишгоҳҳо (лабораторияҳо) баровардан ва берун бурдани асбобу таҷҳизот ва дастгоҳу ашёҳои гуногун аз тарафи донишҷӯён қатъиян манъ аст.

21. Донишҷӯён, магистр ва ориднаторон бояд боинтизому ботартиб бошанд, ҳам дар донишкада ва ҳам дар ҷойҳои ҷамъиятӣ симову рафтори намунавӣ ва ахлоқи ҳамида дошта бошанд.

22. Донишҷӯён, магистрон ва ординаторон ба кормандони техникие, ки тозагӣ ва тартиботи заруририро дар толорҳо ва утоқҳои таълимӣ ва истеҳсолии донишкада таъмин мекунанд, ҳамкорӣ намоянд.

23. Донишҷӯён, магистрон ва ординаторон бояд дар рӯҳияи хештаншиносӣ, ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ тарбия ёфта, аз гаравидан ба ҳар гунна ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, тундрав ва хурофот худдорӣ намоянд, инчунин дар ҷодаи решакан намудани зуҳуроти коррупсионӣ ва ҳар гуна падидаҳои номатлуб мусоидат кунанд.

## V. УҲДАДОРИҲОИ РАЁСАТИ ДОНИШКАДА

24. Раёсати донишкада уҳдадор аст:

- фаъолияти мунтазами меҳнатии ҳайати кормандони донишкадро таъмин намуда, мутобиқати тахассусӣ, унвон ва дараҷаи илмию касбии кормандонро назорат карда, ҳар як кормандро ба ҷойи кори муайян таъмин намояд ва дар баробари он кормандро бо вазифаи кориаш шинос намуда, фаъолияти пурраи меҳнатиро барои кормандон дар рӯзи корӣ ва ё басти корӣ таъмин гардонад. Шароити комили меҳнат, бехатарии меҳнат ва дурустии дастгоҳу таҷҳизотро фароҳам оварад;

- ба омӯзгорон нақшаи машғулиятҳои таълимӣ ва ҷадвали дарсиро сари вақт пешниҳод намуда, барои соли нави таҳсил нақшаҳои инфиродии таълимию методӣ, илмию тадқиқотӣ, тарбиявӣ ва дигар навъи кору фаъолияти кормандонро тасдиқ намояд;

- шароити заруриро барои тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб тибқи талаботи истеҳсолот ва хоҷагидории замони муосир бо истифода аз дастовардҳои навини илмӣ, фанниву фарҳангӣ, бо назардошти дурнамо ва амалигардонии усулҳои навини таълим фароҳам оварда, механиконидани корҳои вазнинро дар коргоҳҳои хоҷагидорӣ ва таълимӣ-истеҳсолӣ суръат диҳад;

- корҳои тарбиявиро бо кормандон, аспирантон, унвонҷӯён, донишҷӯён, магистрон ва ординаторон ба роҳ монда, барои корҳои тарбиявӣ, фарҳангию фароғатӣ, варзишӣ дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва машғулиятҳои эҷодиёти бадеӣ шароит фароҳам оварад;

- пешниҳод ва дархостҳои кормандони донишкада, донишҷӯ, магистр, ординаторон ва доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятиро, ки барои беҳтар гардидани корҳои таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, тарбиявӣ, истеҳсолӣ ва сохтори коргузорӣ пешбарӣ мешаванд, баррасӣ ва дар амал татбиқ намуда, омӯзгорону кормандони масъулиятшинос ва беҳтаринро дастгирӣ ва ҳавасманд намояд;

- интизоми қатъии меҳнат ва таълимиро таъмин намуда, барои мустаҳкам кардани интизоми меҳнат чораҳои тарбиявӣ ва коршиносӣ гузаронад, исрофи вақти кориро барҳам диҳад, истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатиро таъмин намояд, бо ҳамдастии коллективҳои меҳнатӣ дар мавриди вайронкунандагони интизоми меҳнатӣ чораҳо андешад;

- ба таври қатъӣ нишондодҳои қонун дар бораи меҳнат ва қоидаҳои ҳифзи меҳнатро риоя кунад, шароити меҳнат ва таълимиро дар донишкада беҳтар намояд. Тамоми ҷойҳои кориро бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намуда, мувофиқи қоидаҳои амалкунандаи ҳифзи меҳнат (техникаи бехатарӣ, зидди сухтор, қоидаҳои санитарӣ ва амсоли ин) раванди корро барқарор намояд.

Дар ҳолати дар маҷмӯи қоидаҳои ҳифзи меҳнат мавҷуд набудани он меъёрҳое, ки риояи онҳо бехатарии шароити меҳнатро таъмин менамояд, раёсат бо мувофиқа ва дастгирии Кумитаҳои иттифоқи касабаи кормандони донишкада барои ислоҳи нуқсонҳо чораҳои заруриро андешад;

- барои пешгирии маъюбшавӣ ва бемориҳои касбӣ дар истеҳсолот ва таълим мутобиқи қонунҳои амалкунанда чораҳои зарурӣ андешад. Дар мавриди мавҷуд будани муҳити зарарноки корӣ дар коргоҳҳою озмоишгоҳҳо ба кормандон имтиёз ва ҷуброни молиявӣ (вақти кори кӯтоҳ, рухсатии иловагӣ, ҷубронпулӣ, хӯроки шифобахш) дастрас гардонад, бо сару либосу

пойафзоли махсус, дигар васоити махсуси корӣ таъмин намояд ва тарзи дуруст истифода бурдани онҳоро назорат кунад;

- аз тарафи кормандон, доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос, донишҷӯён, магистрон ва ориданторон, риоя гнамудани техникаи бехатарӣ, қоидаҳои санитарӣ ва гигиении меҳнат ва қоидаҳои зидди сӯхторро назорат намуда, дониши онҳоро оид ба масъалаҳои мазкур санҷад;

- бунёди дурусти ҷобаҷогузории таҷҳизот, ашё, хати гармӣ, равшандиҳӣ ва ҳавософкуниро таъмин намуда, барои нигоҳдории сару либоси кормандон доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос, донишҷӯён, магистрон ва ординаторон шароити фароҳам орад;

- истифодаи дурусти шарту матолиби пардохти музди кор ва амалигардонии меъёрҳои меҳнатиро таъмин намуда, пардохти музди меҳнатро дар вақти муқарраршуда таъмин гардонад;

- барои ҳамаи кормандон саривақт рухсатии меҳнатиро пешниҳод намояд. Ба ҳайати профессорону омӯзгорон дар охири соли таҳсил (то вақти рафтан ба рухсатӣ) дар бораи сарбории солонаи соли нави таҳсил маълумот пешкаш намояд ва аз рӯйи он назорат барад;

- барои баланд бардоштани самараи корҳои тарбиявӣ, таълимӣ-методӣ ва илмӣ-тадқиқотии кормандон, доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос донишҷӯён, беҳтар намудани сифати фаъолияти корӣ, оқилона истифода бурдани вақти корӣ, ашё, мавод, нерӯи барқ ва дигар захираҳои моддиву молиявӣ, дар баланд бардоштани ҷанбаи моддӣ ва ахлоқии меҳнати маҳсулнок, дар ҳалли масъалаҳои ҳавасмандгардонии кормандони коллективҳои меҳнатӣ чораҳо андешад;

- навовариву кашфиёт ва пешниҳодоти навҷӯёнаро саривақт баррасӣ намуда, натиҷаи онҳоро дар амал татбиқ кунад, барои навоварони истеҳсолот имтиёз фароҳам оварда, онҳоро ҳавасманд гардонад, ба инкишофи самти илмӣ-тадқиқотӣ мусоидат намояд;

- ба инкишофи мунтазами дараҷаи касбӣ-тахассусӣ ва шароити иқтисодию молиявии кормандон мусоидат кунад, шароитҳои ба ҳам омӯзиш додани таълим ва фаъолияти меҳнатиро дар донишкада ва истеҳсолот фароҳам оварад;

- барои коллективи меҳнатӣ шароити заруриро дар иҷрои кору вазифаҳояшон фароҳам оварда, барои онҳо муҳити дурусти коргузорӣ ва эҷодӣ муҳайё созад, ташаббускории кормандон, донишҷӯён, магистрон ва ординаторонро дастгирӣ намояд, саҳми онҳоро дар идора намудани донишкада бо истифода аз ҷаласаҳои Шӯрои олимон, Раёсат, ҷаласаҳои коллективи меҳнатӣ, ҷаласаҳои мушовараи доимӣ, конференсияҳо ва дигар намудҳои корҳои тадорукоти ҷамъиятӣ пазируфта, сари вақт эродҳои кормандон, донишҷӯён ва магистрон ва ординаторонро баррасӣ намуда, баҳриислоҳи камбудиҳои ҷойдошта кӯшад ва аз натиҷаи он ба онҳо хабар диҳад;

-ба матлаб ва ниёзи кормандон муносибати ҷиддӣ намуда, барои беҳдошт ва рушди шароити зист ва истироҳати кормандону донишҷӯён, магистрон ва ординаторон шароит муҳайё кунад. Барои тармим ва таъмини таҷҳизоти зарурии биноҳои маъмурӣ, таълимӣ, хобгоҳҳо, муассисаҳои клубӣ

ва фарҳангӣ-фароғатӣ, муассисаҳои ҳифзи тандурустӣ, толорҳои варзишӣ, муассисаҳои маишӣ, нуқтаҳои савдо чораҳои зарурӣ андешад ва сохтмонҳои истиқоматии инфиродӣ ва кооперативӣ (дастаҷамъӣ), беҳдошти шароити зист мувофиқи эҳтиёҷи кормандон ёрӣ расонад. Зимни тақсимоти макони зист ва ҳалли масъалаҳои ба он марбут нишондоди қонунҳои амалкунандаро комилан риоя намуда, матлаб ва розигии Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони донишкада ва коллективӣ кормандонро ба эътибор гирад.

Раванди таълим, кори илмӣ-тадқиқотӣ, корҳои маданӣ-равшаннамоӣ, тарбиявӣ, корҳои ҳифзи тандурустӣ ва оммавии ҷисмониро бо таҷҳизот, мавод ва асбобҳои зарурӣ таъмин намояд.

25.Раёстаи донишкада вазифа ва уҳдадориҳои худро аз рӯйи қонунҳои амалкунанда ва дар мавридҳои зарурӣ бо ризоияти Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон ва коллективҳои меҳнатӣ амалӣ мегардонад.

## VI. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ

26. Машғулиятҳои таълимӣ тибқи ҷадвали дарсӣ – мувофиқи нақшаи таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ, ки аз рӯйи тартиботи мавҷуда тасдиқ шудаанд, баргузор мегарданд.

Маҳдуд намудани вақти таътили донишҷӯён, магистрон ва ординаторон манъ аст.

27.Ҷадвалҳои дарсӣ барои як нимсола (семестр) тартиб дода шуда, тасдиқ карда мешаванд ва дар муҳлати 5 рӯз пеш аз оғози дарсҳои нимсола ба тахтаи умумии ҷадвалҳо овехта мешаванд. Барои гузаронидани дарсҳои факултативӣ ва иловагӣ ҷадвали ҷудогона таҳия карда мешавад. Сарбории таълимии аудиторӣ донишҷӯён, магистрон ва ординаторон дар ҳолати бидуни вобастагии истеҳсолӣ ба ҳамаи намуди машғулиятҳои таълимӣ, ҳамчунин мутобиқ бо нақшаҳои таълимии дараҷаи бакалавр 30-32 соат, аз рӯйи нақшаи таълимии дараҷаи магистр 18-20 ва аз рӯи нақшаи таълимии мутахассис 27-30 соат, ординатор 24 соат дар як ҳафта муқаррар карда мешавад.

28. Вақти машғулияти таълимӣ дар низоми анъанавӣ 80 дақиқа ва дар низоми таҳсилоти кредитӣ 50 дақиқа муайян шудааст. Аз оғозшавӣ вақти машғулияти таълимӣ; омӯзгорон, донишҷӯён, магистрон ва ординаторон ва кормандон бо задани занг бохабар мешаванд. Баъди анҷоми машғулияти таълимӣ танаффуси 5 ва 10 дақиқагӣ муқаррар шудааст.

29. аромадани донишҷӯён, магисторон ба синфхона баъд аз даромадани омӯзгор манъ аст. Баъд аз оғози дарсҳо дар ҳама толору ҳуҷраҳо ва синфхонаҳо риояи оромӣ ва тартибот барои низоми раванди таълим таъмин карда мешавад. Дар раванди дарс қатъ кардани машғулиятҳои таълимӣ ва ба синфхона даромадану аз он баромадан манъ аст.

30. То оғози машғулиятҳои таълимӣ (дар танаффусҳои байни дарсҳо) дар толорҳои таълимӣ, синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳо, коргоҳҳо ва кабинетҳои дарсӣ васоити таълимии зарурӣ, таҷҳизоти зарурии таълимӣ барои дарсгузаронӣ тайёр карда мешаванд.

31. Дар машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ, клиникӣ ва токлиникӣ дар синфхонаҳо, кабинет ва лабораторияҳо донишҷӯён ба зергурӯҳҳои ҷудогонаи

таълимӣ тақсим карда мешаванд. Ҳайати гурӯҳҳои таълимии донишҷӯён вобаста ба хусусияти дарсҳои амалӣ бо фармоиши ректори донишкада муқаррар ва тасдиқ карда мешаванд.

32. Дар ҳар як гурӯҳ (синф) аз тарафи декан аз ҳисоби донишҷӯёну магисторони фаъол ва боинтизом сардори гурӯҳ интихоб карда мешавад, ки сардори гурӯҳ пайваста бо раиси иттифоқи касаба ва раиси созмони ҷавонони гурӯҳ вазифаҳои ба ӯ вобасташударо амалӣ менамояд.

Сардори гурӯҳ ба садорати факултет ва куратори гурӯҳ итоат мекунад ва иҷрои супоришу нишондодҳои онҳоро дар гурӯҳ таъмин менамояд. Сардори гурӯҳ бошад дар маркази омодагии қаблӣ, бо роҳбари гурӯҳ (табибон) итоат мекунад ва дастуру супоришҳои онро дар гурӯҳ таъмин менамояд.

33. Вазифаҳои сардори гурӯҳ:

а) қайди иштироки ҳар як донишҷӯ, магистрон ба дарсу машғулиятҳо;

б) пешниҳоди маълумотнома ба куратори гурӯҳ, декани факултет ва маъмурияти сохтори таълимӣ дар бораи бо сабабҳои узрнок ва ё бесабаб ба дарсу машғулиятҳои таълимӣ, корҳои ҷамъиятӣ иштирок накардан ва дер мондани донишҷӯён ва магистрон дар машғулиятҳои омодагии қаблӣ;

в) назорат ба тартибу интизоми гурӯҳ дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ва нигоҳдошти таҷҳизоти синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳо, коргоҳҳо ва кабинетҳои таълимӣ;

г) созмон додани васоит ва таҷҳизоти таълимӣ дар синфхонаҳои гурӯҳ;

д) сари вақт огоҳ намудани донишҷӯён ва магистрони гурӯҳ оид ба тағйироти ҷадвали дарсӣ ва раванди таълим;

е) таъйини навбатдор аз ҳисоби донишҷӯён ва магистрони гурӯҳ;

ё) ёрии амалӣ расонидан ба сарпарасти гурӯҳ ба омӯзгороне, ки дар гурӯҳ дарс медиҳанд;

ж) донишҷӯён ва магистронро ба корҳои тарбиявӣ, фарҳангию фароғатӣ ва ҷамъиятӣ омода намудан.

34. Дар ҳар як гурӯҳи академикӣ журнали қайди давомоти донишҷӯён ва магистрони гурӯҳ мавҷуд аст, ки он дар факултет нигоҳдорӣ шуда, ҳар рӯз ба сардори гурӯҳи академикӣ барои қайд кардани иштирок ва давомоти донишҷӯёни гурӯҳи аккадемикӣ дода шуда, дар охири рӯз ба садорати факултет (маъмурияти омодагии қаблӣ) супорида мешавад.

## VII. ТАРТИБОТ ДАР БИНОҲОИ МАЪМУРӢ ВА ТАЪЛИМӢ

**3** 5. Масъулияти беҳдошт ва таъмини шароити корӣ дар синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, ҳуҷраҳо, кабинетҳои таълимӣ ва корӣ (мавҷудияти ҷевонҳои дурусти корӣ, таҷҳизоти таълимӣ, нигоҳдошти ҳарорати муътадил, рӯшноӣ ва амсоли ин) ба зиммаи мудири хоҷагии донишкада вогузошта шудааст.

36.Ба дурустӣ ва дар ҳолати корӣ қарор доштани таҷҳизот дар озмоишгоҳҳо, ҳуҷраҳои таълимӣ, тайёрии васоити таълимӣ ва таъмини онҳо мудирони кабинетҳо масъулият доранд.

37. Дар роҳравҳою синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, кабинетҳо, толорҳои корӣ ва таълимии донишкада чунин рафтору кирдор барои донишҷӯён, магстрон ва ординаторон қатъиян манъ аст:

а) бо палто ва кӯлоҳ будан;

б) баланд гап задан, хандидан, мағал кардан, дар даҳлезҳо ҳангоми дарс гаштугузор кардан;

в) сигору нос кашидан;
г) истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои мадҳушкунанда;
ғ) овардан, нигоҳ доштан ва истифодаи моводи мадҳушкунанда (гази зарарнок ба саломатӣ) ва маводи нашъаовар;
д) дар ҳолати сархушӣ ва нашъамандӣ ҳозир шудан;
е) ворид кардани шахсони бегона ва бе сару либоси расмӣ;
ё) гуфтугӯ бо телефони мобилӣ, занҷири гардан, ҳалқаҳо ва дастмонаҳои калонҳаҷм, истифодаи ангуштарин, бе ҷузвдон, бе маводи таълимӣ ва бо мошинҳои шахсии сабукрав омадан;
ж) омадан бо сару либосе, ки мувофиқ ба «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ», ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ нест;
з) ворид шудан ба биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои донишкада бо либосҳои таблиғотии дорои ҳар гуна навиштаҷот мебошад, аз қабили либосҳои суратдор, нимурён, куртаҳои пур аз навиштаҷот, сатр, ҳиҷоб ва шимҳои аз ҳад зиёд танг ва зонуҳояш бурида;
и) ба донишҷӯён, магистрон ва ординаторон пӯшидани хилъат ва кӯлоҳи сафед ҳатмӣ мебошад;
й) аз ҷониби донишҷӯ ва магистр бевосита ё бавоситаи миёнарав гирифтан ва пешниҳоди пора дар намуди пул ва дигар амвол ё фоидаи дорои характери молӣ дошта, барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони он;
Қоидаҳои истиқомат дар хобгоҳҳо бо «Низомномаи хобгоҳи донишҷӯён ва магистрон» танзим карда мешавад.
38. Раёсати донишкада масъул аст, ки ҳифз ва нигаҳдошти моликият, таҷҳизот, молу мавод ва тармими зарурии биноҳои таълимию маъмуриро таъмин намояд.
Ҳифзи биноҳо ва моликияти донишкада бо фармоиши ректори донишкада ба масъулияти ходимони маъмурию хоҷагидорӣ ва амният ва бехатарии донишкада вогузор карда мешавад.
39. Калидҳо аз толорҳои биноҳои таълимӣ, синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо ва коргоҳҳо бояд дар дасти шахси масъули ҳифз ва нигаҳдошти биноҳои таълимӣ бошад ва мутобиқи рӯйхати тасдиқшуда аз тарафи мудири хоҷагии донишкада ба мутасаддиён дар вақти корӣ дода мешавад.
40.Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишкадаро дар факултетҳою кафедраҳо ва сохторҳои таркибии донишкада дар лавҳаҳои ҷудогона нигоҳ дошта, ба он ҳайати кормандон, унвонҷӯёну доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос, магистрон, донишҷӯён ва ординаторон шинос карда мешаванд.

## VIII. ҲАВАСМАНГАРДОНӢ БАРОИ КОМЁБИҲО ДАР ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТӢ ВА ТАҲСИЛ

41. Барои иҷрои намунавии уҳдадориҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани самаранокии меҳнат, кори маҳсулноки тӯлонӣ, навоварӣ дар фаъолияти

меҳнатӣ ва дигар дастовардҳои корӣ, барои кормандон ҳавасмандкунӣ ба тартиби зайл муқаррар карда мешавад:

а) эълони раҳматнома;

б) додани мукофотпулӣ;

в) додани тухфаҳои қиматнок ва хотиравӣ;

г) сарфароз гардонидан бо Ифтихорномаи донишкада;

д) дар китоби фахрӣ ва лавҳаи фахрӣ сабт кардан.

Бандҳои «а», «б», «в» бо ваколати маъмурият ва бандҳои «г» ва «д» бо мувофиқаи Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони донишкада амалӣ мегардад.

Зимни амалӣ гардонидани бандҳои зикршуда оид ба ҳавасмандгардонии кормандон, фикру андешаи коллективи меҳнатӣ ба эътибор гирифта мешавад ва тавассути фармоиши ректор ба расмият дароварда шуда, барои маълумот ба дафтарчаи меҳнатӣ сабт мегардад.

Зимни амалигардонии меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ омилҳои молиявӣ ва ахлоқии муназзамгардонии меҳнат дар назар дошта мешавад.

42. Ба кормандоне, ки уҳдадориҳо ва вазифаҳои кории худро бовиҷдонона иҷро менамоянд, имтиёзҳо дар хизматрасонии иҷтимоӣ-маданӣ ва соҳаи хоҷагӣ дода мешавад. Чунин кормандон дар фаъолияти корӣ имтиёзи болоравӣ дар вазифаро доранд.

43. Барои хизмати арзанда кормандони донишкада барои дарёфти мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ пешниҳод мешаванд.

44. Коллективҳои меҳнатӣ барои комёбиҳои меҳатии кормандон меъёрҳои ҳавасмандгардонии ҷамъиятиро истифода мебаранд ва ҳамчунин кормандонро ба ҳавасмандкунии моддӣ, молиявӣ ва маънавӣ пешбарӣ мекунанд, фикру андешаи худро барои пешниҳоди номзадҳо ба мукофотҳои давлатӣ баён менамоянд.

45. Барои иштирок ва азхудкунии намунавии дарсҳо, ширкати фаъолона дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҷамъиятии донишкада барои донишҷӯён, магистрон, доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос ва ординаторон меъёрҳои зерини ҳавасмандгардонӣ ва имтиёзҳо мавҷуданд:

а) эълон кардани раҳматнома;

б) додани мукофотпулӣ;

в) додани тухфаҳои қиматнок ва хотиравӣ;

г) сарфароз гардонидан бо ифтихорномаи донишкада

Имтиёз ва ҳавасмандгардонӣ бо фармоиши ректори донишкада ба расмият дароварда шуда, дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон ва донишҷӯён ва созмони ҷавонон дар ҷаласаи умумидонишгоҳӣ ва факултетӣ эълон карда мешавад. Нусха аз қарор дар бораи имтиёз ва ҳавасмандгардонии донишҷӯ, магистрон, доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос ва ординаторон дар парвандаи шахсиашон нигоҳ дошта мешавад.

## IX. РЕҶАИ КОРИИ ДОНИШКАДА

46. Воридот ба биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои донишкада тибқи низоми иҷозатномадиҳӣ ва реҷаи корӣ ба роҳ монда шудааст.

47.Дар донишкада 3 намуди иҷозатнома  мавҷуд аст:

а) доимӣ (ба кормандони доимӣ ба муҳлати муайян дода мешавад);

б) иҷозатномаи муваққатӣ;

в) иҷозатномаи яккарата.

48. Донишҷӯён ва магистрон ба биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо бо билети донишҷӯӣ ва кардаи қайди электронӣ дохил мешаванд.

59.Воридот ба биноҳои донишкада аз соати 07.00 то соати 19.00 муқаррар карда шудааст.

## X. МУҶОЗОТИ ИНТИЗОМӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ИНТИЗОМИ МЕҲНАТӢ ВА ТАЪЛИМ

50. Вайрон кардани интизоми меҳнат, яъне иҷро накардан ё ба таври лозимӣ иҷро накардани вазифа ва уҳдадориҳои меҳнатӣ аз тарафи корманд, ки дар ҳамин санад ва дигар қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ шудааст, зарурати истифода бурдани муҷозоти интизомӣ ва усулҳои таъсирбахшии ҷамъиятиро пеш меорад.

51. Барои вайрон кардани интизоми меҳнат раёсати донишкада муҷозоти зерини интизомиро истифода мебарад:

а) огоҳӣ (шифоҳӣ);

б) сарзаниш;

в) танбеҳ;

г) танбеҳи қатъӣ

д)то як сол мавқуф гузоштани навъҳои ҳавасмандгардонии меҳнат;

е) аз вазифа озод намудан (бандҳои 3, 4, 6, 7, 10, 11 қисми якуми моддаи 42-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Точикистон).

Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ мувофиқи моддаи 44-и Кодекси меҳнати Ҷумҳури Тоҷикистон пешакӣ, на дертар аз ду ҳафта, баъди огоҳ намудан аз тарафи  Куматаи иттифоқи касабаи кормандони донишкада сурат мегирад.

52. Муҷозоти интизомӣ аз тарафи ректори донишкада татбиқ гардонида шуда, бо фармоиши махсус эълон ва ба расмият дароварда мешавад.

Раёсати донишкада ҳуқуқ дорад, ки ба ҷойи истифода кардани муҷозоти интизомӣ муҳокимаи корманд ва омӯзгоронро ба коллективи меҳнатӣ ҳавола намояд.

53. То татбиқи муҷозоти интизомӣ аз вайронкунандагони интизоми меҳнат ба таври хаттӣ баёнот гирифта мешавад. Саркашӣ намудани корманд аз додани баёнот раёсатро аз ҳуқуқи татбиқи муҷозоти итизомӣ маҳрум намесозад.

Муҷозоти интизомӣ аз тарафи раёсати донишкада барои вайрон кардани интизоми корӣ дар муҳлати на дертар аз як моҳе, ки аз вақти вайронкунии интизоми меҳнат мегузарад (ба ғайр аз вақти беморӣ ё дар рухсатии меҳнатӣ будани корманд), дода мешавад. Муҷозоти интизомӣ баъди 6 моҳи содири кирдори корманд ва аз рӯйи натиҷаҳои тафтиш ё санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагӣ на дертар аз ду соли баъди содири чунин кирдор татбиқ шуда наметавонад.

Барои ҳар як кирдор танҳо як муҷозоти интизомӣ дода мешавад.

54.Ҳангоми додани муҷозоти интизомӣ зарари қонунвайронкунии интизомӣ, ки аз тараф корманд рух додааст, ҳолати рухдиҳии қонунвайронкунии интизомӣ ва фаъолияти пешинаи кории корманд бояд ба эътибор гирифта шавад.

55. Фармоиш дар бораи муҷозоти интизомӣ ва амалӣ намудани он ба корманде, ки муҷозот ба ӯ равона шудааст, дар муҳлати на дертар аз се рӯз эълон карда мешавад. Фармоиш дар ҳолатҳои зарурӣ дар байни ҳамаи коллективи меҳнатии донишкада эълон карда мешавад.

56.Агар дар давоми 6 моҳ корманд ба қонунвайронкунии интизомӣ роҳ надиҳад, ҷазои пешинаи интизомӣ аз ӯ бардошта мешавад.

Раёсат бо ташаббуси худ ва бо пешниҳоди коллективи меҳнатӣ метавонад барои муҷозоти интизомии ба корманд додашуда новобаста ба он ки муҳлати муҷозот ба анҷом расидааст ё не, фармоиши радди муҷозот содир намояд ва ин дар ҳолате метавонад баргузор гардад, ки корманд ба халалдор гардидани интизоми меҳнат роҳ надиҳад ва аз рӯйи виҷдон фаъолият кунад.

Дар муҳлате, ки муҷозоти интизомӣ қувваи амалкунанда дорад, имтиёз ва ҳавасмандгардонӣ мувофиқи қоидаҳои расмӣ нисбат ба шахси ҷазодида раво дониста намешавад.

57.Коллективи меҳнатӣ низ ҳуқуқ дорад, муҷозоти интизомии кормандро новобаста ба хотима ёфтани муҳлати он бозгирад ва ё барои бозгирифтани муҷозоти интизомӣ аз корманд дархост намояд ва ё барои бозгирифтани маҳдудиятҳое, ки раёсати донишкада нисбати он шахс барои вайрон кардани интизоми меҳнат гузоштааст, дархост намояд. Шарти ин аз тарафи корманд минбаъд вайрон накардани интизоми меҳнат ва кору фаъолияти фаъолона кардан аст.

58. Барои вайрон кардани интизоми таълимӣ ва вайрон кардани тартиботи дохилии хобгоҳҳо ба донишҷӯён ва магистрон, муҷозоти интизомии зайл пешбинӣ шудааст:

а) огоҳӣ (шифоҳӣ);

б) сарзаниш;

в) танбеҳ;

г) танбеҳи қатъӣ

д) аз донишкада хориҷ намудан.

Дар вақти хориҷ кардани донишҷӯ ва магистр аз донишкада розигии Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни донишкада ҳатман гирифта мешавад.

Муҷозоти интизомӣ, ки барои ҳуқуқвайронкунии интизомӣ дода мешавад, бояд на дертар аз як моҳи рух додану ошкор намудани ҳуқуқвайронкунии интизомӣ дода шавад. Муҷозоти интизомӣ дар муҳлати на дертар аз 6 моҳ бояд амалӣ гардад. Агар донишҷӯ ва магистр ё ординатор дар тӯли як сол баъд аз муҷозоти интизомӣ гирифтан, дигар ба ҳуқуқвайронкунии интизомӣ роҳ надиҳад, пас, муҷозоти интизомии ба ӯ додашуда бозгирифта мешавад.

59. Дар дафтарчаҳои меҳнатии кормандон, аспирантон ва парвандаи шахсии донишҷӯён ва магистрон доир ба раванди таҳсил дар шуъбаҳои рӯзона, инчунин, дар бораи комёбиҳои корӣ, чораҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии корманд бо нишондоди маъмурият сабт карда мешавад,

ба истисноии муҷозоти интизомӣ, таълимӣ ва сабаби хориҷшавӣ  қайдҳо сабт карда намешавад.

Қоидаҳои тартиботи дохилии қоидаҳои татриборти оидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии муассисаи таълимии ғайридавлатии “донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии тоҷикистон” дар ҷаласаи шӯрои олимони донишкада аз “24” 08 2020 №1/3 қабул карда шудааст.